«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи
байнидавлатии таҳсилоти
олии Донишгоҳи славянии Россия
ва Тоҷикистон, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессор
Золотухин А.В._____
«03» ноябри соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод “Гуфтумон (Дискурс) - и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ – Душанбе, 2026. – 184 с.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод “Гуфтумон (Дискурс)- и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мутобиқат менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ на танҳо кишвари дорои захираҳои назарраси об, балки кишвари ташаббускор дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст. Дар манбаъҳои расмӣ, аз ҷумла Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон “шумораи пиряхҳои Тоҷикистон аз 13 ҳазор то 14 ҳазор” нишон дода шуда, тақрибан беш аз ҳазор пирях пурра аз байн рафтааст. Дар манобеи мазкур таъкид мешавад, ки то 60 фоизи захираҳои оби тозаи Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон ташаккул меёбад. Ин рақамҳо гувоҳ аст, ки масъалаи ҳифзи пиряхҳо барои кишвари мо танҳо як мавзуи маҳдуди экологӣ набуда, балки унсури бунёдии амнияти об, рушди иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва нуфузи байналмилалӣ буда, аз лиҳози омӯзишу баррасии масоили мазкур мубрам мебошад.

Масоили мазкур аз он ҷиҳат мубрам ва муҳим аст, ки дипломатияи об дар шароити Тоҷикистон ба як қисми муҳимми ҳувияти байналмилалии кишвар табдил ёфтааст. Эълон гардидани “Соли 2025- Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”, 21 март-“Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо” ва дар Душанбе ташкил ва баргузории Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо аз меҳварӣ будани мабоҳиси мавриди пажӯҳиш дар ҷумҳурӣ далолат медиҳад. Боз як ҷанбаи мубрамияти мавзуъ дар он ифода меёбад, ки дар матбуоти тоҷик масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар меҳвари чандин гуфтумон, ба хусус сиёсӣ, илмӣ,

байналмилалӣ, экологӣ ва шаҳрвандӣ қарор дорад. Дар яке аз ин сатҳҳо ҳифзи пирях ҳамчун сарвати миллӣ, дар сатҳи дигар ҳамчун манбаи об барои минтақа, дар сатҳи сеюм ҳамчун нишони буҳрони иқлим баррасӣ мешавад. Ҳамгироии ин сатҳҳо дар матни расонаӣ ҳамеша якранг ва комил нест.
Аз ин ҷиҳат, мавриди таҳқиқ қарор додани мавзуи мазкур аз ҷониби Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод мубрам ва муҳим арзёбӣ шуда, метавонад дар омӯзиши гуфтумони расонаии дипломатияи об ба такмили фарҳанги маданияти матбуотӣ, рушди забони рӯзноманигорӣ ва беҳтар гардидани модели иртиботи илму давлат ва ҷомеа мусоидат хоҳад кард. Таҷрибаи таҳаввули васоити ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ошкорнамоии тамоюлоти асосии ташаккул ва амалкарди амсилаи муосири матбуоти даврии тоҷик имкон фароҳам оварда, тасаввуроти моро оид ба қонунмандиҳои рушди ВАО дар фазои шуравӣ ва ҳам дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба хусусиятҳои хоси ВАО-и кишварҳои алоҳидаи Осиёи Марказӣ ғанитар гардонад.

Мавод ва натиҷагириҳо, ки дар диссертатсия мавҷуданд, метавонанд зимни таҳияи дастурҳои таълимӣ, методӣ, курсҳо ва семинарҳо барои донишҷӯёни бахшҳои журналистика ёрӣ расонанд. Гузашта аз ин, онҳо метавонанд зимни коркарди консепсияҳои сиёсати иттилоотии ВАО дар соҳаҳои гуногун ва таҳияи меъёрҳои ахлоқӣ барои журналистон муфид бошанд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Сохтори умумии кор, мубрамӣ ва зарурати ташкили таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, навгониҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳою натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ барало инъикос мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои олимони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо оид ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ нишондиҳандаи саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст.

Аҳаммияти мавзуи рисола дар он зоҳир мешавад, ки таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологӣ, ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии матолиби расонаӣ, иҷрои таҳлили муҳтаво, таҳлили муқоисавӣ ва дискурс-таҳлил, низоммандсозии натиҷаҳо, хулосабарорӣ ва таҳияи тавсияҳои илмӣ ва амалӣ пурра зоҳир мегардад. Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд зимни гузаронидани таҳқиқоти нисбатан амиқтар ва густурдатар дар соҳаи журналистикаи муосир истифода гарданд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод кори таҳқиқии комилу анҷомёфтаи илмӣ

маҳсуб меёбад, ки аз арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навгонии илмӣ бархурдор мебошад.

**Навгонии илмии** диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки нахустин маротиба ҳаматарафа хусусиятҳои умумии экожурналистика баррасӣ гардида, масъалаҳои дипломатияи об аз дидгоҳи муносибатҳои байналмилалӣ ва амнияти минтақавӣ бо далоили муътамад тавзеҳ ёфтаанд. Ҳамчунин, дар рисола таваҷҷуҳи асосӣ ба он равона карда шудааст, ки чӣ гуна матбуоти даврии тоҷик маънои масъалаи об, пирях, тағйирёбии иқлим ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистонро пешниҳод месозад, бо кадом сабку услуби забонӣ ва қолабҳои жанрӣ онҳоро танзим менамояд. Навгонии дигар дар истифодаи баробари таҳлили муҳтаво, таҳлили муқоисавӣ ва дискурс-таҳлил зоҳир мегардад. Ин раванди маҷмуӣ имкон медиҳад, ки матн ҳам аз нигоҳи оморӣ, ҳам аз ҷиҳати сохтори жанрӣ ва ҳам аз нигоҳи маърифатӣ таҳлил шавад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии кор бо он собит мешавад, ки** дар он доираи таҳқиқоти суханшиносӣ ва рӯзноманигорӣ бо ворид намудани мавзуи дипломатияи об ба сатҳи нав бароварда мешавад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки масъалаҳои муҳити зистро на танҳо аз дидгоҳи мазмун, балки аз нигоҳи сохтори гуфтор, ҳусни баён, қолабсозии маъно ва механизмҳои таъсиррасонӣ низ омӯхтан мумкин аст. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои рушди назарияи гуфтумон, ташхиси матни публисистӣ, таҳқиқоти коммуникатсияи экологӣ ва журналистикаи соҳавӣ заминаи иловагӣ фароҳам созанд. Аҳамияти амалии таҳқиқот низ назаррас буда, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти рӯзмарраи расонаҳо, бахшҳои матбуотии ниҳодҳои давлатӣ, марказҳои таҳлилӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва барномаҳои такмили ихтисоси рӯзноманигорон истифода шаванд. Махсусан, натиҷаҳои таҳқиқот барои таҳияи дастурҳои методӣ оид ба инъикоси мавзуъҳои илмӣ-экологӣ, беҳтар кардани сифати сарлавҳа, истифодаи дурусти истилоҳот, густариши жанрҳои таҳлилӣ, ҷалби коршиносон ва ҳамгироии василаҳои муосири пешниҳоди иттилоот муфид хоҳанд буд.

Диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 184 саҳифаро ташкил медиҳад. Сохтори кор мутобиқи мантиқи масъала тарҳрезӣ шуда, аз баррасии асосҳои назариявию амалӣ оғоз ёфта, ба таҳлили хусусиятҳои жанрӣ ва муҳтавоии матбуот гузашта, бо арзёбии мушкилот, тамоюлҳо ва дурнамои тақвияти гуфтумони расонаии ҳифзи пиряхҳо анҷом меёбад.

Дар муқаддимаи диссертатсия (с. 3-15) мубрамӣ ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологӣ, ҳадафу объект, мавзӯъ ва масъалаҳои таҳқиқ, усулҳои таҳқиқот, сарчашма, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявиву амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии муаллиф, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишори натиҷаҳои диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён гардидааст.

**Боби 1-уми диссертатсия "Назария ва методологияи инъикоси масъалаҳои экологӣ ва дипломатияи об дар ВАО" (с. 15-50),** ном дорад ва аз се фасл иборат буда, муаллиф дар ин боб таҳаввули экожурналистика ҳамчун самти махсуси фаъолияти эҷодӣ дар низоми муосири воситаҳои ахбори омма натиҷаи як раванди тӯлонии таърихӣ ва тағйироти амиқи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва экологӣ ба шумор меравад, ки аз нимаи дуюми асри XX оғоз ёфта, дар асри XXI шакли мукаммал ва институтсионалӣ гирифтааст. Дар ин боб ва зербобҳо муаллиф ба масъалаҳои муҳити зист бештар таваҷҷӯҳ намуда, чунин ақида дорад, ки бо шиддат гирифтани буҳронҳои экологӣ, аз ҷумла, ифлосшавии ҳаво, об ва замин, тағйирёбии иқлим, инчунин, коҳиши захираҳои табиӣ ин мавзуъ тадриҷан ба фазои иттилоотии оммавӣ ворид гардидааст.

Нахуст диссертант ба сарчашмаҳои зиёде дастрасӣ пайдо карда, маълумоти заруриро аз ҷониби муҳаққиқони соҳа дар доираи хеле фарох фаро гирифтааст. Чунин ҳолат имкон додааст, ки мавзуъ дар сатҳи зарурӣ баррасӣ ва таҳқиқ гардад. Ҳамчунин, бояд иброз намуд, ки талаботи таҳқиқ ҳам риоя гардида, назару андешаҳои диссертант низ нисбат ба иқтибосҳо ва мавзуъ тазаккур ёфтаанд. Баъдан муҳаққиқ баррасии асосҳои назариявии дискурс, журналистикаи экологӣ ва дипломатияи об; муайян кардани ҷойгоҳи мавзуи ҳифзи пиряхҳо дар рӯзномаи расонаии Ҷумҳурии Тоҷикистон; вижагӣ ва рушду инкишофи рӯзномаи экологӣ дар матбуоти даврӣ; таҳлили анвои жанрии пӯшиши мавзуъ; инъикоси обшавии пиряхҳо дар рӯзномаи "Садои мардум", ҳафтаномаи "Азия-Плюс" ва иттилооти АМИТ "Ховар"; тарғибу ташвиқи ташаббусҳои глобалии Пешвои миллат оид ба мавзуъҳои обу иқлим дар матбуоти даврӣ; мушаххас намудани мушкилоти рӯзноманигорон дар инъикоси мавзуҳои ҳифзи муҳити зист ва экологӣ сухан ронда, қайд менамояд, ки мавзуъ ба масоили илмии таҳқиқи расонаҳо ва дискурс тавъам буда, бо ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти об ва ҳифзи пиряхҳо ҳамоҳанг мебошад.

**Боби 2-юми диссертатсия "Вижагиҳои жанрӣ ва муҳтавоии инъикоси ташаббусҳои глобалии ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти даврии тоҷик"(с.64-96),** аз се фасл иборат буда, дар ин боб унвонҷӯ ба инъикоси мавзуи ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти тоҷик аз нигоҳи жанрӣ нигариста, пеш аз ҳама, ба ду шохаи асосӣ такя мекунад: матолиби хабарӣ, ки ба интиқоли фаврии иттилоот равона шудаанд ва матолиби таҳлилӣ, ки кӯшиш мекунанд ин иттилоотро дар доираи васеътари сиёсӣ, иқтисодӣ ва экологӣ ҷой диҳанд. Дар доираи гуфтумони расонаии дипломатияи об ин ду навъи жанрӣ на танҳо вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд, балки ба ташаккули дарки ҷамъиятӣ низ таъсири фарқкунанда мерасонанд. Бартарии ин боб дар он зоҳир мешавад, ки муҳаққиқ ба таҳлили қиёсии жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ дар инъикоси мавзуи ҳифзи пиряхҳо диққати жарфнок дода, дар бораи сатҳи рушди фарҳанги расонаии кишвар дар ин самт баҳс мекунад. Муаллиф қайд мекунад, ки дар баррасии воситаҳои тасвири бадеӣ ва оммавӣ ҳангоми инъикоси мушкилоти обшавии пиряхҳо, пеш аз ҳама, бояд ба он таваҷҷуҳ кард, ки чӣ гуна матбуоти тоҷик кӯшиш мекунад як падидаи мураккаби илмиро бо забоне баён намояд, ки барои аудиторияи васеъ фаҳмо ва муассир бошад. Агар дар фасли қаблӣ

масъалаи жанрҳо бештар ба шакли пешниҳоди иттилоот рабт дошта бошад, дар ин ҷо оид ба чӣ гуна мазмун “тасвир” амалӣ мегардад, сухан чӣ навъ ва тавассути кадом вожаҳо ироа гардида, образу муқоисаҳо ва сохторҳои маъноӣ ба мухотаб чӣ гуна воқеияти вазъи ҳифзи пиряхҳоро пешкаш месозад мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки ба таври худ аслан пули иртибот миёни илмҳои дақиқ ва дарки рӯзмарраи ҷомеа аст ( с.76 дисс).

**Боби сеюми диссертасия “Мушкилот, тамоюлҳо ва дурнамои тақвияти гуфтумони расонаии ҳифзи пиряхҳо” (с.118-147)** номгузорӣ шуда, дар он камбудиҳои касбӣ ва мушкилоти салоҳиятнокии рӯзноманигорон дар инъикоси мавзуъҳои илмӣ-экологӣ таҳлил карда шудаанд. Дар боби мазкур Бобошоҳзода М.С. таваҷҷӯҳи бештар ба баррасии камбудиҳои касбӣ ва мушкилоти салоҳиятнокии рӯзноманигорон ҳангоми инъикоси мавзуъҳои илмӣ-экологӣ, пеш аз ҳама, бояд ба хусусияти худи ин соҳа таваҷҷуҳ кардаст. Журналистикаи экологӣ, бахусус, дар бахши ҳифзи пиряхҳо ва тағйирёбии иқлим, на танҳо дониши умумии рӯзноманигориро талаб мекунад, балки доираи муайяни донишҳои байнисоҳавиро низ пеш мегузорад: аз асосҳои иқлимшиносӣ ва гидрология то фаҳмиши сиёсати байналмилалӣ ва дипломатияи об. Маҳз дар ҳамин мураккабӣ яке аз сабабҳои асосии мушкилоти касбӣ нуҳуфтааст, зеро на ҳар рӯзноманигор имкони дастрасӣ ба чунин донишҳои муосиру мукаммалро дорад. Дар таҷрибаи матбуоти тоҷик мушоҳида мешавад, ки “қисми зиёди рӯзноманигорон мавзуи ҳифзи пиряхҳоро на аз нуқтаи назари таҳлилӣ, балки бештар аз ҷиҳати иттилоотӣ, инъикос мекунанд.

Таҳқиқоти мавриди баррасӣ дар оянда барои ҳамвор гардидани роҳ дар пажӯҳиши мавзуи мазкур мадади калон расонида, аҳаммияти илмиву амалияш ҳам дар ҳамин нукта зоҳир мешавад.

Дар баробари комёбиҳо дар диссертатсияи мавриди назар баъзе камбудиҳо мушоҳида шуданд, ки ба назари мо, рафъи минбаъдаи онҳо боиси беҳтар гардидани сифат ва сатҳи кори таҳқиқии мазкур хоҳад шуд:

1. Муаллиф дар талқини илмии истилоҳи "дипломатияи об" аксаран истинод ба гуфтаҳои умумиятдоштаи роҳбарону дастандаркорони сатҳи гуногуни баландпоя такя намуда, баррасии илмии онро то ҳадде муаллақ мемонад, ҳарчанд мафҳуми мазкур ҳамчун объекти муаккади омӯзиш қарор гирифтаасту назари инфиродии муаллиф дар ин хусус боистӣ таърифи мушаххаси беистиҳоларо побарҷой мекард (с.14-15).

2. Таърихи пайдоишу рушди журналистикаи экологӣ дар умум талқин гардида, дараҷабандӣ ҳам мешавад, вале таҳлили дақиқи заминаву пешрави миллии он ба ҳадди зарурӣ нарасидааст. Албатта хуб мебуд ин раванд ба таври муфассал сурат мегирифт ва тавассути мисолҳои мушаххас аз воқеияти вуҷуддошта асоснок мегардид ва ба ин васила бурҳондории ақидаву гуфтаҳои унвончӯро бебаҳс мекард (с.28-30).

3. Методологияи таҳлили мундариҷавии интихоби 180 манбаъ бе далели ин зарурат омада, шарту шароит ва алгоритми мушаххаси интихоби мавод пешниҳод намешавад, ҳол он ки асоснокии ин истинодорӣ мебоист ташреҳи

амиқ ва жарф меёфт ва назарӣ муаллифро бармало мекард, ки сабабу асос чист (с.55-67).

4. Дар рисола сифатнокии ҳадафмандии матнҳои омада дар самти истифодаи усулу воситаҳои баёни матлаб ва билхусус истифодаи санъатҳои бадеиву лафзӣ, ки таъсирбахшии ин маводҳоро ба мухотаб таъмин менамоянд, аз диди муаллиф дур монда, холигиеро ба миён меорад. Хуб мебуд агар унвончӯ аз дараҷаи баҳрабардориву таъсирбахшии ин санъатҳо ибрози назар мекарду дараҷабандии мавқеъу мақоми онҳоро нишон дода, заминаи минбаъдаи татбиқшавандагии беҳтари онро аз ҷониби рӯзноманигорон асосе мебахшид (75-77).

5. Ҳарчанд дар рисола маводи зиёди чопнамудаи рӯзноманигорон оварда мешавад ва ҷо-ҷо ишораҳо ҳам оид сифати онҳо ба назар мерасад, дараҷаи салоҳиятмандии касбиву ҳирфавии онҳо дар ин самт, комёб шудан ва ё нашудан ба мақсади нашри мавод андешаи мушаххасе ба назар намерасад, то мушкилот дар ин самт ҳал гардад (105-107).

6. Дар рисола нақши расонаҳои минтақавӣ дар инъикоси масоили мавриди баҳс ба қадри кофӣ таҳлил нашуда, таҳлили муқоисавии самаранокии платформаҳои гуногуни расонавӣ оварда намешавад ва қисмати назарраси ин пояҳои инъикосӣ аз диди муаллиф дур мондааст (120-122).

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши умумии диссертатсия таъсири ҷиддӣ надоранд.

Мазмуни диссертатсияи **Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод “Гуфтумон (Дискурс)- и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо”** бо фишурдаи он, ки ба ду забон: тоҷикӣ ва русӣ навишта шудааст, инчунин, 6 мақолае, ки 4-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, ба мавзуъ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии кори таҳқиқиро инъикос мекунанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** бо он собит мешавад, ки диссертатсия бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф комилан мувофиқат менамояд. Илова бар ин, довталаби дараҷаи илмӣ ихтисоси рӯзноманигориро соҳиб гардида, мавзуъ ва мазмуну муҳтавои диссертатсияи ӯ бо ихтисоси асосӣ ва ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

**Хулоса,** диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод “Гуфтумон (Дискурс)- и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо”, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология 6.2.22. Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267- ум тасдиқ шудааст, инчунин ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мутобиқ аст. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мебошад.

Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи ғайринавбатии кафедраҳои “Рӯзноманигории ватани ва байналмилалӣ”,”Реклама ва робита бо ҷомеъа” ва “Медиакоммуникатсия ва амнияти итиллоотӣ”-и Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон муҳокима гардида, бо қарори №3 аз 2-уми ноябри соли 2026-юм тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи якҷояи ғайринавбатии кафедраҳо 12 нафар иштирок дошт. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи рӯзноманигории ватанӣ ва байналмилалии
Муассисаи байнидавлатии
таҳсилоти олии Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Рахимов А.А.

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи медиакоммуникатсия ва амнияти итиллоотии
Муассисаи байнидавлатии
таҳсилоти олии Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Афсаҳзод А.А.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони
кафедраи рӯзноманигории ватаниву байналмилалии
Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Комилова Х.М.

Имзоҳои А.А., Раҳимов А.А. Афсаҳзод ва
Комилова Х.К.- ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳои Муассисаи
байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Боровицская Л.А.

«03» ноябри соли 2026.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30
Тел: (+992) 22135 50.
E-mail: p.rektora@mail.ru; hr.department.rtsu@gmail.com
Сомонаи расмӣ: www.rtsu.tj